# Шарҳи вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

Семоҳаи I соли 2025

ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН

## Шарҳи вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо дар семоҳаи якуми соли 2025

Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд Хазина) фаъолияти худро дар семоҳаи якуми соли 2025 бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорон, таъмини фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, мусоидат ба нигоҳдории суботи низоми молиявӣ ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, идома дод.

**Иштироки ташкилотҳои қарзӣ дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо.** Дар семоҳаи якуми соли 2025 теъдоди ташкилотҳои қарзӣ – узви низоми суғуртаи амонату пасандозҳо 36 ададро ташкил дод, ки аз он 13 адад бонк, 22 адад ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) ва 1 адад ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ (ТҚҒ) мебошад.

**Ташкилотҳои қарзии узви низоми суғуртаи амонату пасандозҳо (адад)**

| Номгӯи ташкилоти қарзӣ | 31.12.2024 | 31.03.2025 | Фарқият (+/-) |
|---|---|---|---|
| Бонкҳо | 13 | 13 | 0 |
| Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) | 21 | 22 | +1 |
| Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ (ТҚҒ) | 1 | 1 | 0 |
| **Ҳамагӣ** | **35** | **36** | **1** |

Дар давраи ҳисоботӣ як адад ташкилоти амонатии қарзии хурд ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо шомил гардид. Аз ҷумла, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба ҶДММ ТАҚХ «Стандарт Молия» барои анҷом додани амалиёти бонкӣ иҷозатнома дода шуд. Дар ин асос, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” аз ҷониби Хазина ба ҶДММ ТАҚХ «Стандарт Молия» тасдиқнома дар бораи узвият ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо таҳти №000076 аз санаи 18 феврали соли 2025 дода шуд (ниг. ба замимаи Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо).

**Пасандозҳои суғурташудаи ташкилотҳои қарзӣ ва сохтори он.** Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми амонату пасандозҳое, ки аз ҷониби Хазина суғурта мешаванд, раванди афзоиши муътадил дошт.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки раванди афзоиши ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда бо як қатор омилҳои таъсиррасон, аз ҷумла вазъи муътадили макроиқтисодӣ, фаъолияти босуботи низоми бонкӣ-молиявӣ, таҳкимёбии эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ, пешниҳоди маҳсулоту хизматрасониҳои ҷолибнок аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ, инчунин татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон", алоқаманд мебошад.

Тибқи маълумотҳо ба ҳолати 31 марти соли 2025 ҳаҷми умумии бақияи амонату пасандозҳои суғурташуда дар ташкилотҳои қарзӣ – узви Хазина 13,4 млрд. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба семоҳаи қаблӣ ба андозаи 11,3 фоиз ва нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 47,5 фоиз зиёд мебошад. Дар сохтори пасандозҳои суғурташуда ҳиссаи амонату пасандозҳо бо пули миллӣ 60 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 40 фоизро ташкил дод.

**Ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташуда (млрд. сомонӣ)**




**Сохтори асъории пасандозҳои суғурташуда (млрд. сомонӣ)**



Ҳиссаи бештари пасандозҳои суғурташуда - 94,1 фоиз ё худ 12,6 млрд. сомонӣ ба амонату пасандозҳои шахсони воқеӣ рост омада, боқимондаи ҳиссаи он – 5,9 фоиз ё худ 0,8 млрд. сомониро амонату пасандозҳои соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ташкил доданд.

**Сохтори пасандозҳои суғурташуда аз рӯи моликият (бо фоиз)**




**Шумораи пасандоздорони суғурташуда.** Аз рӯи ҷамъбасти маълумоти давраи ҳисоботии семоҳаи якуми соли 2025 шумораи пасандоздорони суғурташуда 2,7 млн. нафарро ташкил дод, ки ин нисбат ба семоҳаи қаблӣ ба андозаи 7,3 фоиз ва ҳамин давраи соли гузашта 33,0 фоиз зиёд мебошад. Аз шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда ҳиссаи афзалиятнок – 99,7 фоиз ба шахсони воқеӣ рост меояд.

**Шумораи пасандоздорони суғурташуда (млн. нафар)**



Ҳамзамон, таҳлили сохтори пасандозҳои суғурташуда нишон медиҳад, ки аз шумораи умумии пасандоздорон маблағи 98,0 фоизи онҳо дар доираи андозаи ҷубронпулии суғурта пурра рӯйпӯш карда шуда, 2,0 фоизи боқимондаи пасандоздорон, ки маблағи амонату пасандозҳояшон аз андозаи ҷубронпулӣ зиёд аст, қисман рӯйпӯш карда шудаанд.

Дар доираи маблағи ҷубронпулӣ пурра рӯйпӯш гардидани 98,0 фоизи пасандоздорон нишондиҳандаи баланд буда, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аксари пасандоздорони суғурташуда аз ҷониби Хазина пурра ҳимоя карда шудаанд.

**Ҳиссаи пасандоздорони пурра суғурташуда (бо фоиз)**




**Андозаи ҷубронпулии суғурта.** Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи амонату пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ ва бо асъори хориҷӣ на бештар аз 35 000 сомонӣ муайян гардидааст. Ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ Хазина ба пасандоздорон маблағи суратҳисобҳои амонату пасандозҳои суғурташударо дар ташкилоти қарзӣ ба андозаи муайяншуда ҷуброн менамояд.

Дар давоми семоҳаи якуми соли 2025 андозаи ҷубронпулии суғурта аз рӯи амонату пасандозҳо тағйир наёфт ва дар сатҳи 35 000 сомонӣ нигоҳ дошта шуд. Қобили зикр аст, ки аз соли 2015 то инҷониб андозаи ҷубронпулӣ 2,5 маротиба, яъне аз 14 000 сомонӣ то ба 35 000 сомонӣ зиёд шудааст, ки он дар навбати худ ба афзоиши ҳаҷми ӯҳдадориҳои (потенсиалии) суғуртавии Хазина аз рӯи пасандозҳои суғурташуда низ таъсир расонидааст.

**Тағйирёбии андозаи ҷубронпулии суғурта (ҳаз. сомонӣ)**




**Ухдадориҳои суғуртавии Хазина**. Вобаста ба афзоиши ҳаҷми пасандозҳои суғурташаванда ухдадориҳои суғуртавии Хазина дар семоҳаи якуми соли 2025 афзоиши назаррас доштанд. Аз ҷумла, ба санаи 31 марти соли 2025 ҳаҷми умумии ухдадориҳои суғуртавии Хазина аз рӯи пасандозҳои суғурташуда 5,2 млрд. сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба семоҳаи қаблӣ ба андозаи 7,8 фоиз ва нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 54,3 фоиз зиёд мебошад.

Бояд қайд кард, ки ухдадории потенсиалии Хазина аз рӯи пардохти ҷубронпулии суғурта дар назди бонкҳо ҳиссаи зиёдтарин – 88,1 фоизи ҳаҷми умумии ухдадориҳоро ташкил медиҳад.

**Ухдадориҳои суғуртавии Хазина (млрд. сомонӣ)**



Бештари ухдадориҳои суғуртавии Хазина ба шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ рост меояд, ки маблағи он 5,17 млрд. сомонӣ ё худ 99,2 фоизи ҳаҷми умумии ухдадориҳоро ташкил медиҳад. Ухдадории суғуртавӣ дар назди шахсони ҳуқуқӣ бошад маблағи 42,8 млн. сомонӣ ё 0,8 фоизи ҳамаи ухдадориҳои Хазинаро ташкил медиҳад.

**Сохтори ухдадории суғуртавии Хазина аз рӯи моликият (бо фоиз)**




**Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина ва пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорони суғурташуда.**

Дар семоҳаи якуми соли 2025 дар ягон ташкилотҳои қарзии узви Хазина ҳолати суғуртавӣ ба вуқуъ наомад. Ҳамзамон, дар давраи баррасишаванда пасандоздорон ва намояндагони бонкҳои барҳамдодашудаи ҶСК "Агроинвестбонк" ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" оид ба тамдиди мӯҳлати гирифтани маблағи ҷубронпулии суғуртавӣ дар асоси Қонун бо ариза ба Хазина муроҷиат карданд, ки аз тарафи Хазина ба 1 (як) нафар пасандоздори бонкҳои мазкур ба маблағи 4,8 ҳаз. сомонӣ ҷубронпулии суғуртавӣ пардохт карда шуд.

**Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина**

| | Ба ҳолати 31.12.2024 | Ба ҳолати 31.03.2025 | Фарқият (+/-) |
|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ (адад)** | **18** | **18** | **0** |
| Бонкҳо | 6 | 6 | 0 |
| ТАҚХ | 12 | 12 | 0 |
| **Ҳамагӣ ҷубронпулӣ пардохт карда шуд (ҳаз. сомонӣ)** | **212 311,1** | **212 315,9** | **4,8** |

Аз санаи 01 июли соли 2022, яъне аз давраи анҷоми муҳлати яксолаи пардохти ҷубронпулӣ то 31 марти соли 2025 аз тарафи Хазина ба 104 нафар пасандоздорони бонкҳои мазкур ба маблағи 1655,9 ҳаз. сомонӣ ҷубронпулии суғуртавӣ пардохт карда шудааст. Дар маҷмуъ, аз соли 2016 то санаи 31.03.2025 сол Хазина ба пасандоздорони суғурташудаи 18 ташкилоти қарзии барҳамхӯрда ба маблағи 212,3 млн. сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт намудааст.

**Фаъолияти сармоягузорӣ ва идоракунии маблағҳои Хазина.** Яке аз вазифаҳои муҳими Хазина ҷиҳати ташаккул ва андӯхти дороиҳои Хазина, фаъолияти сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Бо назардошти сарчашмаҳои тибқи Қонун барои сармоягузорӣ муайян кардашуда ва дар шароити имкониятҳои мавҷудаи бозори коғазҳои қиматнок, Хазина дар давраи баррасишаванда маблағҳои озоди худро бо мақсади гирифтани даромади ҷолибнок асосан ба коғазҳои қиматноки давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир намуд.

Дар семоҳаи якуми соли равон 4 музоядаи барориши коғазҳои қиматноки давлатӣ дар ҳаҷми умумии 290 млн. сомонӣ ва бо муҳлатнокии 6-моҳа, 12-моҳа ва 36-моҳа амалӣ гардид. Фоизҳои воситаҳои молиявии мазкур вобаста аз муҳлат 6,0 то 12,5 фоизи солонаро ташкил доданд. Вобаста ба ин, Хазина бо мақсади таъмини фаъолияти босамари сармоягузории маблағҳои озоди худ, дар чор музоядаи коғазҳои қиматноки давлатӣ фаъолона ба маблағи  111,0 млн. сомонӣ иштирок намуд.

**Иштироки Хазина дар бозори коғазҳои қиматнок (млн. сомонӣ)**




Меъёри даромаднокии миёнавазни сармоягузориҳои Хазина ба коғазҳои қиматноки давлатӣ 10,2 фоизи солонаро ташкил дод. Дар маҷмуъ, даромади гирифташудаи Хазина аз ҳисоби хариди коғазҳои қиматноки давлатӣ ба

ҳолати 31.03.2025 сол маблағи 3,0 млн. сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 4,0 маротиба зиёд мебошад.




**Нишондиҳандаҳои молиявии Хазина.** Дар давраи баррасишаванда вобаста ба иҷрои вазифаҳои қонунии худ дар самти ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои қонунии пасандоздорон, афзоиши назарраси дороиҳои Хазина ба қайд гирифта шуд. Аз ҷумла, ба ҳолати 31 марти соли 2025 ҳаҷми умумии дороиҳои Хазина 451,2 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба семоҳаи чоруми соли 2024 ба андозаи 60,0 фоиз ва ҳамин санаи соли гузашта зиёда аз 2 маротиба зиёд мебошад.

Бояд махсусан қайд намуд, ки Хазина дар давраи ҳисоботӣ ҳамкории судмандро бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ идома дод. Аз ҷумла, дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникии Бонки Ҷаҳонӣ оид ба рушди бахшҳои молиявию хусусӣ дар Тоҷикистон, ки яке аз қисматҳои он таъмини устувории молиявии Хазина тавассути сармоякунонии грантии Хазина (ба маблағи 10,2 млн. СДР) мебошад, ҳамкориро бо коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ ва Вазорати молияи ҶТ хамчун татбиққунандаи лоиҳаи мазкур ҷиҳати иҷрои шартҳои пешакии лоиҳа амалӣ намуд.

Хазина дар самти иҷрои шартҳои пешакии дар боло зикршуда корбарӣ карда, дар ҳамкорӣ бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон онҳо дар маҷмуъ иҷро карда шуданд. Дар натиҷа, санаи 31.03.2025 сол аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ маблағи сармоякунонии Хазина баробар ба 13,5 млн. доллари ИМА ё худ бо мубодили пули миллӣ 147,4 млн. сомонӣ ба суратҳисоби асъории Хазина дар Бонки миллии Тоҷикистон интиқол дода шуд.

Бо назардошти ин, афзоиши дороиҳои Хазина дар давраи баррасишаванда пеш аз ҳама аз ҳисоби маблағҳои грантии Бонки Ҷаҳонӣ барои сармоякунонии Хазина воридгардида, инчунин пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина ва даромади аз ҳисоби фаъолияти сармоягузорӣ бадастомада, вобастагӣ дошт.

**Тамоюли тағйирёбии маблағҳои Хазина (млн. сомонӣ)**




Андозаи ҳадди аксари маблағи Хазина[1], ки таносуби маблағи Хазинаро нисбат ба ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташудаи ташкилотҳои қарзӣ инъикос менамояд, ба ҳолати 31 марти соли 2025 андозаи 3,4 фоизро ташкил дод.

**Андозаи ҳадди аксари маблағи Хазина (%)**




[1] *Андозаи ҳадди аксари маблағи Хазина тибқи қонун дар ҳаҷми 7 фоизи бақияи умумии пасандозҳои суғурташуда, ки дар ташкилотҳои қарзӣ мавҷуд аст, муқаррар карда шудааст.*

**ФЕҲРИСТИ**
**ташкилотҳои қарзии узви низоми суғуртаи амонату пасандозҳо**
**(ба санаи 31.03.2025)**

| № | Номгуи ташкилотҳои қарзӣ | Тасдиқнома № |
|---|---|---|
| | **Бонкҳо** | |
| 1 | ҶСК “Ориёнбонк” | № 002 |
| 2 | ҶСК ”Бонки Эсхата” | № 006 |
| 3 | ҶСП ”Бонки рушди Тоҷикистон” | № 010 |
| 4 | ҶСП ”Актив Бонк” | № 070 |
| 5 | ҶСП ”Спитамен Бонк” | № 013 |
| 6 | ҶСП Бонки "Арванд" | № 025 |
| 7 | ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | № 055 |
| 8 | ҶСК "Алиф-Бонк" | № 056 |
| 9 | ҶСК ”Коммерсбонки Тоҷикистон” | № 058 |
| 10 | Шуъбаи бонки “Тиҷорат”-и ҶИЭ дар ш.Душанбе | № 060 |
| 11 | ҶСП “Душанбе Сити Бонк” | № 064 |
| 12 | ҶСП ”Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" | № 072 |
| 13 | ҶСП "Фридом Бонки Тоҷикистон" | № 073 |
| | **Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ** | |
| 14 | ҶДММ ТҚҒ "Васл" | № 067 |
| | **Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд** | |
| 15 | ҶСП ТАҚХ “Ҳамров” | № 016 |
| 16 | ҶДММ ТАҚХ ”Финка” | № 022 |
| 17 | ҶДММ ТАҚХ ”Зудамал” | № 023 |
| 18 | ҶДММ ТАҚХ “Матин” | № 026 |
| 19 | ҶДММ ТАҚХ "Арғун" | № 027 |
| 20 | ҶДММ ТАҚХ “Сомон-Тиҷорат” | № 038 |
| 21 | ҶДММ ТАҚХ “Азизӣ - Молия” | № 041 |
| 22 | ҶСП ТАҚХ "Имон Интернешнл" | № 044 |
| 23 | ҶДММ ТАҚХ "Тезинфоз" | № 045 |
| 24 | ҶСП ТАҚХ "Ҳумо" | № 046 |
| 25 | ҶДММ ТАҚХ "Сарват" | № 049 |
| 26 | ҶСП ТАҚХ “Ардо капитал” | № 059 |
| 27 | ҶДММ ТАҚХ “Пайванд Гурух” | № 062 |
| 28 | ҶДММ ТАҚХ “Фурӯз” | № 063 |
| 29 | ҶСП ТАҚХ “Сандуқ” | № 065 |
| 30 | ҶСП ТАҚХ "Шукр Молия" | № 066 |
| 31 | ҶДММ ТАҚХ "Эмин Сармоя" | № 068 |
| 32 | ҶДММ ТАҚХ "Баракат Молия" | № 069 |
| 33 | ҶДММ ТАҚХ ЛОЛС "Молия” | № 071 |
| 34 | ҶДММ ТАҚХ "Доро Пэй" | № 074 |
| 35 | ҶСП ТАҚХ "Бинес Капитал" | № 075 |
| 36 | ҶДММ ТАҚХ "Стандарт Молия" | № 076 |